# ШАРТНОМАИ ХИЗМАТРАСОНИИ АЛОҚАИ КАНДУИИ МУТАҲАРРИКИ ИСТИФОДАИ УМУМИИ СТАНДАРТҲОИ GSM 900|1800; GSM/3G-UMTS; 4G-LTE

*Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Вавилон-Мобайл», ки минбаъд «Оператор» ном бурда мешавад, дар асоси Иҷозатномаҳои №23-816-силсилаи №0000816 аз 20.02.2023с., №23-815-ҶТ силсилаи №0000815 аз 20.02.2023, №22-803-ҶТ силсилаи №0000804 аз 16.11.2022 с., №22-804-ҶТ силсилаи №0000804 аз 16.11.2022с., №19-518-ҶТ силсилаи 0000518 аз 04.10.2019, ки аз тарафи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд, амал мекунад, дар шахси намояндаи ваколатдори Оператор аз як тараф, ва Муштарӣ, ки маълумот нисбати ӯ дар Замимаи №1 ба Шартнома дарҷ карда шудааст, аз тарафи дигар, дар якҷоягӣ – Тарафҳо, Шартномаи мазкурро (минбаъд-Шартнома) бо мазмуни зайл ба имзо расониданд:*

### 1. Матлаби Шартнома

1.1. Оператор ба Муштарӣ хизматҳоро ҷиҳати пайваст намудан ба шабакаи худ ва хизматҳои алоқаи кандуии мутаҳаррики истифодаи умумӣ стандартҳои GSM 900|1800; GSM/3G-UMTS, LTE(4G)-ро (минбаъд - Хизматҳо) пешниҳод менамояд ва Муштарӣ ӯҳдадор мешавад, ки Хизматҳоро қабул намуда, арзиши онҳоро мутобиқи тарофаҳои аз тарафи Оператор муайяншуда саривақт пардохт намояд.

1.2. Намудҳои алоҳидаи Хизматҳо ва шартҳои хоси пешниҳоди онҳо дар Замимаи №2 ба Шартнома дарҷ гардидаанд.

### 2. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Оператор

2.1. Оператор ҳуқуқ дорад:

2.1.1. Бо тартиби пешбининамудаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон мустақилона тарофаҳоро барои Хизматҳо муқаррар кунад, шартҳои махсус ва дастурамалҳоро барои ҳар як намуди Хизматҳо омода ва тасдиқ намояд.

2.1.2. Пайвасткунии муштариро ба шабакаи худ танҳо бо талаби шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаи соли 2014 ва баъди ба расмият даровардани фурӯши симкортҳо ба амал барорад.

2.1.3. Хариду фурӯши сим-корт ва пайвасткунии шаҳрванди хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва гуреза, ки  дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ истиқомат мекунад ба шабакаи Оператор бо пешниҳоди гувоҳномаи иқомат барои шаҳрванди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, гувоҳномаи иқомат барои шахси бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шаҳодатномаи гуреза ба расмият дарорад. Пайвасткунии шаҳрванди хориҷи ва шахсони бешаҳрванди, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муввақи истиқомат доштаро, Оператор тибқи  ҳуҷҷати дахлдори тасдиқкунандаи шахсият ва будубоши  дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба иҷозати будубош, мӯҳлати амали раводид, ё муҳлати будубош муваққатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба расмият дароварда мешавад.

2.1.4. Оператор ҳангоми пайвастшавии Муштарӣ ба шабака, ҳуҷҷатҳои дар бандҳои 2.1.2  ва 2.1.4  Шартнома пешбинишудаи муштариро бо таври элекронӣ нусхабардорӣ карда, таи мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории  Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бойгонӣ нигоҳ медорад.

2.1.5. Агар Муштарӣ, бе пешниҳоди дархост оид ба боз доштани пешниҳоди Хизматҳо тибқи банди 3.1.1.-и Шартномаи мазкур, тӯли 6 (шаш) моҳи тақвимӣ  аз хизматрасониҳои шабака истифода набарад, ҳатто агар тавозуни мусбӣ дошта бошад ҳам, Оператор Шартномаро яктарафа бекор менамояд ва маблағи дар тавозуни Муштарӣ мавҷудбударо бозпас намегардонад ва метавонад симкорти дахлдорро пас аз сипарӣ шудани муҳлати  6 (шаш) моҳи тақвимӣ,ба дигар муштарӣ фурӯшад.

2.1.6. Дар ҳолати мавҷуд набудани аризаи хаттӣ ё муроҷиати дахлдори Муштарӣ тибқи банди 3.1.1.-и Шартнома, Оператор пардохти моҳонаро (пардохти абонентӣ) аз рӯи нақшаи тарофавии интихобнамудаи Муштарӣ ва номгӯйи Хизматҳои иловагӣ ҳисоб менамояд.

2.1.7. Агар дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ баъди гузаштани мӯҳлати дар банди 3.1.1.-и Шартнома дарҷгардида Муштарӣ оид ба оғоз намудани Хизматҳо дархост накунад, Оператор ҳуқуқи яктарафа бекор намудани Шартномаро дорад.

2.1.8. Дар ҳолатҳои алоҳида ҳадди камтарини гуногуни қатъи Хизматҳоро муқаррар намояд ва Хизматҳоро дар ҳолати манфӣ будани тавозуни Муштарӣ низ пешниҳод кунад.

2.1.9. Дар ҳолати вайрон намудани шартҳои банди 3.2.9.-и Шартномаи мазкур аз тарафи Муштарӣ, Оператор ҳуқуқ дорад, ки Шартномаи мазкурро ба таври яктарафа, бо пешниҳод намудани огоҳиномаи хаттӣ ба Муштарӣ дар муддати панҷ рӯзи тақвимӣ қабл аз санаи қатъшавии Шартнома, қатъ намояд.

2.1.10. Бе огоҳкунии пешакӣ ва гирифтани розигии муштарӣ, аз рӯи салоҳдиди худ, СМС паёмакҳои хусусияти оммавӣ, тиҷоратӣ ва иттилоотӣ доштаро ба Муштарӣ  ирсол намояд.

2.1.11. Оператор муроҷиатҳои хаттӣ  (арзу шикоятҳои) дар  заминаи ин Шартнома оид ба сифати алоқаи мобилӣ ва суръати интернет ва дигар масоили аз муносибатҳои Шартномавӣ бароянда ирсол доштаи муштариро, дар ҳолати бо таврӣ  хаттӣ ва ё электронӣ ирсол гардидан,  на дертар аз  як моҳи тақвимӣ, ба назардошти шартҳои ва талаботҳои дар ин Шартнома пешбинишуда баррасӣ карда, ба Муштарӣ  посухи хаттӣ ва ё  электронӣ медиҳад.

2.2. Оператор ӯҳдадор аст:

2.2.1. Хизматҳоро тибқи шартҳои Шартнома, ба истисноии ҳолатҳое, ки Хизматҳо дар натиҷаи ба миён омадани ҳолатҳои рафънопазир (форс-мажор), инчунин ҳангоми аз тарафи Оператор ба амал баровардани корҳои мукаммалгардонии шабакаи стандартҳои  GSM 900|1800; GSM/3G-UMTS,LTE(4G)-ро ва ё дар ҳолатҳои бозистии муваққатии низоми Оператор пешниҳод карда намешаванд, пешниҳод намояд.

2.2.2. Махфияти гуфтугӯҳои телефонӣ ва дигар маълумотҳои бо воситаҳои алоқа ирсолшударо таъмин намояд, ҳамчунин маълумоти хусусияти шахсидошта ва маълумот оид ба Хизматҳои пешниҳодшударо ба дигар шахсон, ба истисноии Муштарӣ ва шахсоне, ки бо қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор карда шудаанд, ошкор накунад.

2.2.3. Пайвастшавии SIM/USIM/eSIM-и Муштариро ба шабакаи худ дар муддати аз як то се рӯзи корӣ, пас аз ба суратҳисоб ва ё хазинаи Оператор ворид гардидани пардохт барои пайвастшавӣ ва пешниҳоди Хизматҳо мутобиқи номгӯй ва ҳаҷми интихобнамудаи Муштарӣ таъмин намояд.

2.2.4. Ба воситаи SMS-хабарҳо ё воситаҳои ахбори омма (радио ё нашрия ё телевизион), бо роҳи дар ҷойҳои қабули аҳолӣ, дар Шӯъбаи хизматрасонии муштариён ва ё дар сомонаи расмии Ширкат (www.babilon-m.tj) ҷойгир намудани эълонҳо ё бо дигар тарзҳо пешакӣ хабардор намудани аҳолиро оид ба Хизматҳои пешниҳодшаванда ва нав, оид ба шартҳои Хизматҳо, тарзҳои ҳисоббаробаркунӣ, нархномаҳои истифодашаванда ва ҳолатҳои ивази онҳо ва ғайраҳо, ба истисноии тағйир ёфтани шартҳои Хизматҳо бо иштироки шахси сеюм, таъмин намояд.

2.2.5. Хадамоти иттилоотиро барои иттилоотонии аҳолӣ оид ба шартҳои Хизматҳо ва тарофаҳо ташкил намояд.

2.2.6. Дар сурати тағйир ёфтани шартҳо ва тартиби пешниҳоди Хизматҳо, аз он ҷумла, тағйир ёфтани тарофаҳо, ба Муштарӣ маълумоти саривақтиро тавассути сомонаҳо ё дигар технологияҳои дастрас дар муддати 10 рӯзи тақвимӣ пеш то санаи тағйиротҳо пешниҳод намояд.

2.2.7. Ба Муштарӣ тибқи дархости ӯ маълумоти муфассалро оид ба Хизматҳои музднок пешниҳод намояд.

2.2.8. Дар ҳолати аз тарафи Оператор гузаронидани корҳои мукаммалгардонии шабака, 24 соат пеш аз гузаронидани чунин корҳо, ба воситаи ахбори омма (нашрия, телевизион ё радио) ё бо роҳи ҷойгир намудани маълумот дар сомонаи www.babilon-m.tj ё ба воситаи SMS-хабарҳо Муштариро оид ба сана ва мӯҳлатҳои қатъ гаштани Хизматҳо хабардор намояд.

2.3. Оператор масъулият надорад:

2.3.1. Барои мазмуни гуфтугӯҳои телефонӣ ва маълумотҳое, ки ба воситаи шабакаи Оператор таҳвил дода шудаанд, дар ҳоле, ки агар муаллифи ин маълумотҳо Оператор набошад, ҳамчунин барои зарари бо ин маълумотҳо расонидашуда, барои Хизматҳои ба воситаи шабакаи ӯ пешниҳодшаванда ва/ё барои пардохти арзиши онҳо, ки агар ин гуна Хизматҳоро шахси сеюм пешниҳод намуда бошад.

2.3.2. Барои истифодаи нодурусти дастгоҳи телефонӣ аз тарафи Муштарӣ ва ё ба он пайваст намудани дастгоҳҳое, ки ба кори шабака, дигар шабакаҳои телекоммуникатсионӣ халалдор мешаванд масъул нест.

### 3. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Муштарӣ

3.1. Муштарӣ ҳуқуқ дорад:

3.1.1. Бо шарти мусбӣ будани тавозуни Муштарӣ, ба муддати то 6 (се) моҳ ба тариқи хаттӣ ё муроҷиат ба Маркази иттилоотӣ-маълумотдиҳии Оператор (Call-Center) бо телефони 918 61-61-61 ва бо қайд намудани маълумоти шиносномавии худ ва дарҷи суроғае, ки бо истифода аз он бо Муштарӣ дар тамос шудан имкон аст, пешниҳоди Хизматҳоро боздорад.

3.1.2. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худро ба шахси сеюм тибқи муқаррароти қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор намояд. Дар ин ҳолат, дар Шартнома ба сифати Муштарӣ шахси сеюми мазкур баромад хоҳад намуд.

3.1.3. Оид ба нархномаҳои Хизматҳо ва шартҳои пешниҳоди Хизматҳои ройгон маълумот гирад.

3.1.4. Аз ҳуқуқи зангҳои ройгони дастрасбуда (ба хадамоти оташхомӯшкунӣ, милитсия, ёрии таъҷилии тиббӣ, хадамоти садамавӣ) истифода барад.

3.1.5. Номгӯи Хизматҳои иловагиро интихоб намояд, ҳамчунин нақшаи тарофавии дар Замимаи №2 дарҷгардидаро бо роҳи муроҷиат ба Маркази иттилоотӣ-маълумотдиҳии Оператор (Call-Center) бо телефони 918 61-61-61, ё ба Шӯъбаи хизматрасонии муштариёни Оператор, бо қайд намудани маълумоти шиносномавии худ, яъне шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаи соли 2014, инчунин ба воситаи НХИХ (Низоми худкори идоракунии хизматрасониҳо), ё НИИХ (Низоми интернетии идоракунии хизматрасониҳо) ё ҳангоми доштани имконият ба воситаи НСС (Низоми супоришҳои соддакардашуда) ва SMS-супоришҳо иваз намояд.

3.1.6. Муштарӣ метавонад, СМС паёмакҳои тибқи шартҳои дар банд 2.1.10 Шартномаи мазкуро пешбинишудаи ирсол доштаи Операторро, бе азназаргузаронидан, аз рӯи салоҳдиди худ қатъ намояд ва барои ин гуна амали худ ягон масъулиятро ба дӯш  надорад.

3.1.7. Муштарӣ уҳдадор мешавад барои хавфҳои вобаста бо истифодаи маводҳо, маълумоти хизматрасонии маҳсулот дар шабакаи Интернет, ки ба ӯ бо расонидани хизматрасониҳо дастрас гаштаанд, ҷавобгӯ бошад.

3.2. Муштарӣ ӯҳдадор аст:

3.2.1. Сим-кортро бо пешниҳоди шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии  Тоҷикистон намунаи соли 2014 соҳиб шавад. Инчунин, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва гуреза, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ истиқомат мекунад бо пешниҳоди: гувоҳномаи иқомат барои шаҳрванди хориҷи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; гувоҳномаи иқомат барои шахси бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодатномаи гуреза ба ғайр аз ин бо пешниҳоди доштани иҷозати будубош, мӯҳлати амали раводид, ё мӯҳлати будабоши муваққтӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, сим-кортро соҳибшуда (гирифта) метавонанд .

3.2.2. Дар ҳолати гум кардани сим-корт дар давоми на зиёда аз се  соат Операторро дар ин бора хабардор намояд.

3.2.3. Симкортро ба дигар шахс ба истифода надиҳад. Дар ҳолати  симкорти худро барои итифода ба дигар нафар додан, барои оқибати ин гуна амали худ, дар доираи талаботи пешбининамудаи қонунгузории  ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгарии инфиродиро  (шахсӣ), бевосита  ба дӯш дорад.

3.2.4. Ҳангоми бастани Шартнома, маълумоти аслӣ оид ба макони зист, аз ҷумла суроғае, ки бо истифода аз он Оператор метавонад бо Муштарӣ дар тамос шавад, пешниҳод намояд, ҳамчунин то оғози истифодаи Хизматҳо бо ҳудуди фаъолият, номгӯйи Хизматҳои имконпазир ва тарофаҳо шинос шавад.

3.2.5. Аз хизматҳои Оператор мувофиқи шартҳои Шартнома ва муқаррароти қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода барад.

3.2.6. Тамоми чораҳои эҳтиётиро барои рафъи истифодаи ғайриқонунӣ ва барқасдонаи  SIM/USIM/eSIM андешад. Њама гуна нусхабардории маълумотҳои техникии фардикунонии дар SIM/USIM/eSIM сабтшуда манъ аст ва тибқи қонун ҷазо дода мешавад.

3.2.7. Дастгоҳи ниҳоӣ (телефон)-и сертификатонидашуда ва тамғакунонидашударо дар асоси талаботҳои амалкунанда истифода барад.

3.2.8. Мустақилона тавозуни худро назорат кунад ва дар мӯҳлатҳои дар Шартнома қайдшуда барои хизматҳо бо Оператор ҳисоббаробаркунӣ намояд.

3.2.9. Хизматҳоро бар хилофи манфиатҳои давлат, тартиботи ҷамъиятӣ ё расонидани зарари барқасдона ба дигар Муштариён истифода набарад. Инчунин, Хизматҳоро бо мақсадҳои тиҷоратӣ истифода набарад, ё бо дигар роҳ Хизматҳои Операторро барои манфиати шахси сеюм бе риоя кардани банди 3.1.2.-и Шартнома истифода набарад.

3.2.10. Мутобиқи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муштарӣ барои истифодаи нодурусти дастгоҳи телефонӣ ё ба он пайваст намудани дигар дастгоҳҳо, ки метавонанд қобилияти кории шабака, шабакаҳои дигари алоқаи барқиро вайрон ё халалдор намоянд, масъул *(ҷавобгӯ)* аст.

3.2.11. Муштарӣ дар ҳолати аз тарафи шахси сеюм истифода шудани SIM/USIM/eSIM ва Хизматҳои тибқи Шартнома пешниҳодшаванда, аз ҷумла, дар ҳолати гум кардани SIM/USIM/eSIM ва сари вақт муроҷиат нанамудан ба Оператор оид ба боздоштани Хизматҳо, ӯҳдадории пурра дорад.

3.2.12. Пас аз ба имзо расидани Шартномаи мазкур, ҳангоми дигар шудани ному насаб ё мушаххасоти шиноснома ё корти идентификатсионии Муштарӣ, мушаххасот ё мӯҳлати будубош ва/ё дигар шудани ҳуҷҷатҳои иҷозатномавӣ барои дар ҳудуди Тоҷикистон истиқомат кардан (раводид), дар асоси Шартномаи мазкур, Тартиб ва талаботи пайвастшавӣ ба шабакаи алоқаи барқӣ ва хизматрасониҳои вобаста ба он, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2016, таҳти №207-7 тасдиқ шудааст. Муштарӣ ӯҳдадор мешавад, ки дар муддати на зиёд аз панҷ рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи чунин тағйиротҳо Операторро оид ба чунин тағйиротҳо ба таври хаттӣ тариқи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои дар боло зикршуда ба Шӯъбаи хизматрасонии Оператор бо мақсади ворид намудани тағйиротҳо ба низоми ҳисоби муштариёни Оператор, огоҳӣ намояд.

3.2.13. Ҳангоми истифодаи интиқоли маълумот (Интернет) онро барои таҳвили маълумоте, ки дорои сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда мебошад, истифода набарад. Муштарӣ барои мазмуну мундариҷаи иттилооте, ки тариқи Интернет мефиристад, масъул аст: эътимодият, дурустӣ ва муносибу бамаврид будани он. Оператор барои мазмуну мундариҷаи иттилооте, ки Муштарӣ онро ба Интернет мефиристад, масъул нест.

3.2.14. Ба воситаи шабакаи алоқа иттилоотеро, ки ҷорӣ кардани он дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ шудааст паҳн нанамояд.

3.2.15. Маводи дар шабакаи Интернет бадастовардаашро барои паҳнкунӣ, агар он хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, истифода набарад.

3.2.16. Ба воситаи шабакаи Интернет иттилоотеро, ки шаъну эътибор ва шарафу номуси инсон ва шаҳрвандро пастзананда ё хусусияти экстремистию динӣ ва зиддидавлатӣ, ғайриахлоқӣ, зиддиинсонӣ ва унсури ҷинояти доштаро паҳн накунад.

3.2.17. Ҳар гуна иттилоот ё таъминоти барномавӣ баръало дорои вирусҳои компютерӣ ё дигар унсурҳои Интернетро ҳамчун воситаи ирсолии оммавии иттилоот ва паёмҳои мувофиқатнашудаи электронӣ (spam),истифода набарад.

3.2.18. Муштарӣ дар доираи қонунгузории амалкунандаи кишвар барои дар чорчӯбаи Шартномаи мазкур дарёфт намудани хизматрасониҳои электронӣ, ки аз ҷониби ширкатҳои хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад, дар доираи талаботи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсан масъул аст.

3.2.19. Дар ҳолати риоя накардани талаботҳои дар бандҳои 3.2.13, 3.2.14, 3.2.15,3.2.16., 3.2.17 ва 3.2.18 дар ин Шартнома омада масъулияти дар доираи талаботи қонунгузории ҷории Ҷумхурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буданро Муштарӣ, бевосита ва ба таври инфиродӣ ба дӯш дорад.

## 4. Пардохти арзиши Хизматҳо

4.1. Пардохт/пешпардохт барои Хизматҳо мутобиқи нақшаи тарофавии интихобшуда, ки аз тарафи Оператор тасдиқ карда шуда, дар лаҳзаи пешниҳоди Хизматҳо амал мекарданд, ба ҳисоби шахсии Муштарӣ ба тариқи нақдӣ - ба Хазинаи Оператор ё хазинаи намояндаи ваколатдори Оператор (дилер) ё ба тариқи ғайринақдӣ бо истифода аз низомҳои пардохтии бо Оператор шартномаи дахлдор баста ё ба суратҳисоби Оператор, ки дар Шартнома дарҷ карда шудааст, бо дар назардошти андозҳои ғайримустақим ва маълумоти низоми баҳисобгирии муштариёни Оператор (биллинги Оператор) ба амал бароварда мешавад.

4.2. Давраи ҳисоботӣ барои ҳисоббаробаркуниҳо моҳи тақвимӣ мебошад. Пардохти абонентӣ (моҳона) санаи якуми моҳи оғозшаванда ба амал бароварда мешавад, агар тартиби дигар дар нақшаи тарофавии интихобшуда муайян нашуда бошад.

4.3. Шартҳои пешниҳоди Хизматҳо бо иштироки шахсони сеюм, ҳамчунин тарофаҳо барои хизматҳои роуминг ва зангҳои байналмилалӣ аз ҷониби Оператор иловатан муқаррар карда мешаванд. Маълумот оид ба онҳо бо дархости Муштарӣ пешниҳод карда мешавад.

4.4. Дар ҳолати иваз шудани нақшаи тарофавӣ, он аз аввали моҳи оянда тақвимӣ эътибор пайдо мекунад, агар дар нақшаи тарофавии ивазшаванда/интихобшуда пардохти абонентӣ (моҳона) пешбинӣ шуда бошад.

## 5. Ҷавобгарии Тарафҳо

5.1. Дар ҳолати аз тарафи Оператор вайрон кардани талаботи Шартнома, ӯ мутобиқи қонунгузории ҷории Тоҷикистон ҷавобгар мебошад.

5.2. Дар ҳолати аз тарафи Муштарӣ вайрон кардани бандҳои 3.2.1.-3.2.3. 3.2.4, 3.2.6., 3.2.9, 3.2.10, 3.2.13, 3.2.14, 3.2.15,3.2.16., 3.2.17 ва 3.2.18 Шартнома, ӯ мутобиқи қонунгузории ҷории Тоҷикистон ҷавобгар мебошад.

5.3. Хизматҳои ба Муштарӣ пешниҳодшаванда дар сурати шароитҳои табии паҳншавии радиомавҷҳо метавонад бад шавад, қатъ шавад ё ин ки дар наздикии биноҳо, нақбҳо, иншоотҳои зеризаминӣ аз сабаби хусусиятҳои релефӣ ва сохтмонӣ, вазъи обу ҳаво, аз сабаби зиёд будани зангҳо дар шабакаи Оператор маҳдудиятҳо дар қувваи барқ ва ба имкониятҳои техникии Оператор алоқаманд набуда халалдор шавад, ки дар ин ҳолатҳо Оператор барои бадшавии сифати алоқа дар назди муштарӣ масъул нест.

5.4. Хизматҳои ба Муштарӣ пешниҳодшаванда ба хусусиятҳои конструктивии шабака, сифати таҷҳизотҳои операторони алоқаи телефонии маҳаллӣ, алоқаи телефонии байнишаҳрӣ ва алоқаи байналмилалӣ, ки мустақил мебошанд, вобаста аст ва Оператор барои бадшавии сифати алоқа дар чунин ҳолатҳо ҷавобгар нест.

5.5. Оператор барои бадшавӣ ва ё бозистии кори шабака, ки бо истифодаи телефонҳои мобилии вайрон ё носози Муштарӣ алоқаманд аст ва дастгоҳҳое, ки сертификати мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистонро надоранд, инчунин дар ҳолати бад шудани сифати алоқа (дастрасӣ ба Интернет) дар соатҳои зиёд гардидани сарбории шабака, масъул нест. Оператор барои дастгоҳҳои телефонӣ ҳеҷ гуна даъвое қабул намекунад ва онҳоро таъмир низ намекунад. Инчунин барои ҳамагуна талафот, ки бевосита ба Муштари зарар расидааст Оператор онро ҷуброн наменамояд. Оператор барои дилхоҳ зарари ба Муштарӣ аз ҷониби дигар муштариён ё дигар истифодабарандагони хизматрасониҳои Оператор расида, , ва ҳамчунин барои таркиби маълумоти интиқолшаванда аз ҷониби Муштарӣ тавассути истифодаи имконоти шабакаи алоқаи мобилӣ, ё дигар шабакаҳои алоқаи барқӣ ҷавобгӯ нест.

5.6. Муштарӣ уҳдадор мешавад барои хавфҳои вобаста бо истифодаи маводҳо, маълумоти хизматрасонии маҳсулот дар шабакаи Интернет, ки ба ӯ бо расонидани хизматрасониҳо дастрас гаштаанд, ҷавобгӯ бошад.

5.7. Оператор барои сифати хизматҳои дигар операторон масъул нест.

5.8. Оператор барои маълумоти нодуруст ё нопурра пешниҳоднамудаи Муштарӣ оид ба шахсияташ, макони бақайдгириаш ва макони зисташ, ҳамчунин дигар маълумоте, ки бо истифода аз он бо Муштарӣ дар тамос шудан мумкин аст, масъул нест.

5.9. Ҳолатҳое ҷавобгарии Операторро барои иҷро накардани ӯҳдадориҳои дар Шартнома пешбинишуда истисно мекунанд, ин ҳолатҳои рафънопазир (форс-мажор), ки ба сифати онҳо обхезӣ, сӯхтор, заминларза, фурӯравии хок, тӯфон, эпидемия ва дигар офатҳои табиӣ, амалиётҳои ҳарбӣ, корпартоиҳо, бетартибиҳои оммавӣ, ҳамчунин аз тарафи мақомотҳои давлатӣ қабул шудани санадҳое, ки дар натиҷаи иҷрои ӯҳдадориҳо тибқи Шартнома имконнопазир гаштаанд ва дигар ҳолатҳои аз Оператор вобаста набуда мансубанд, мебошанд. Дар мавриди ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои дар бандҳои 5.3., 5.4., 5.5 , 5.6, 5.7 ва ин банд (5.8) пешбинишуда, Оператор барои зарар ва паст гардидани сатҳ ва сифати алоқаи мобилӣ ва суръати интернети муштарӣ, ҷавобгариеро ба дӯш надорад.

## 6. Тартиби бекор намудани Шартнома ва муқаррароти хотимавӣ

6.1. Шартномаи мазкур аз лаҳзаи имзо кардани он эътибор пайдо мекунад ва дар муддати як сол амал мекунад. Дар ҳолати ба итмом расидани мӯҳлати амали Шартномаи мазкур, агар яке аз Тарафҳо иродаи қатъ намудани онро изҳор накунад, ба мӯҳлати басташудаи Шартномаи мазкур тамдид мешавад, ба истиснои ба итмом расидани мӯҳлати будубоши Муштарӣ (барои шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар ҳолати ба итмом расидани мӯҳлати будубош, Шартномаи мазкур дар ин мӯҳлат қатъгардида ҳисоб мешавад.

6.2. Ҳама гуна тағйироту иловаҳо ба Шартнома, бо ташаббуси Муштарӣ, ба низоми дахлдори Оператор пас аз муроҷиати хаттии ӯ ва мувофиқасозии ин тағйироту иловаҳо бо Оператор сурат мегирад.

6.3. Шартнома метавонад аз ҷониби яке аз Тарафҳо тибқи муқаррароти қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, дар ҳолатҳое, ки дар банди 6.6. Шартнома дарҷ карда шудааст, бекор карда шавад.

6.4. Ҳангоми қатъ намудани Шартнома, Муштарӣ ӯҳдадор аст, ки бо Оператор ҳисоббаробаркунии пурраро анҷом диҳад.

6.5. Ҳангоми қатъ карда шудани Шартнома, Оператор SIM/USIM/eSIM-и Муштариро аз шабака тамоман қатъ мекунад ва рақами телефонии Муштариро озод намуда, бо истифода аз он ба дигар шахс Хизматҳои худро пешниҳод менамояд.

6.6. Ҳангоме, ки тавозуни Муштарӣ ба ҳадди камтарини хомӯшкунӣ расидааст, Оператор оид ба зарурияти пурра намудани тавозуни худ ӯро огоҳ мекунад. Дар сурати тӯли 6 (шаш) моҳи тақвимӣ таъмин (пурра) накардани тавозун ва агар тавозуни Муштарӣ манфӣ бошад, Оператор ҳуқуқи яктарафа бекор кардани Шартномаро дорад.

6.7. Дар ҳолати аз тарафи Муштарӣ вайрон кардани бандҳои 3.2.1.-3.2.3., 3.2.5., 3.2.7. ва 3.2.9.-и Шартномаи мазкур, Оператор ҳуқуқи яктарафа бекор кардани Шартномаро дорад.

6.8. Дар лаҳзаи бекор намудани Шартнома бо назардошти банди 6.4.-и Шартнома, Оператор маблағи мусбиро ба Муштарӣ бо талаби ӯ бар мегардонад, ба истиснои ҳолате, ки дар банди 2.1.2.-и Шартнома дарҷ карда шудааст.

6.9. Ҳангоми имзо намудани Шартномаи мазкур Муштарӣ уҳдадор мешавад, ки ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият ва суроғаашро пешниҳод кунад ва макони зисти бақайдгирифташудаашро; Шахрванди хориҷӣ–шаходатномаи шахсӣ (шиносномаи хориҷӣ ва варақаи ба қайдгирӣ ё хуҷҷати ивазкунандаи он), бо муҳлати қонунии истиқомат дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

6.10. Агар Муштарӣ тибқи Шартнома шаҳрванди хориҷӣ бошад, Шартномаи бо ӯ басташуда то ба итмом расидани мӯҳлати иҷозати истиқомати муштарӣ (шаҳрванди хориҷӣ) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад. Дар сурати дароз намудани мӯҳлати иҷозати истиқомати Муштарӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шартнома метавонад дар асоси аризаи ба таври хаттӣ пешниҳоднамудаи Муштарӣ дароз карда шавад.

6.11. Баҳсҳо аз рӯи Шартномаи мазкур тибқи қонунгузории ҷории Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд.

6.12. Оператор дар ҳолатҳои истисноӣ метавонад рақами телефониеро, ки бо истифода аз он ба Муштарӣ Хизматҳо расонида мешавад, бо дар муддати 10 рӯз пеш аз чунин тағйирдиҳӣ огоҳ намудани муштарӣ, тағйир диҳад ва дар ин ҳолат ба Муштарӣ рақами дигари баробарарзиш пешниҳод карда мешавад

6.13. Шартномаи мазкур ва Замимаҳои он, ки қисми ҷудонашавандаи Шартнома мебошанд, дар як нусха бо забони тоҷикӣ тартиб дода шуда, аз ҷониби Тарафҳо ба имзо расидааст, ки нусхаҳои аслии онҳо он ба Муштарӣ ва нусхаҳои электронӣ ба Оператор пешниҳод карда шудаанд.